# Шарҳи моҳонаи таваррум • Марти 2017

Тибқи маълумоти оморӣ сатҳи таваррум дар моҳи марти соли равон ба 1,5 фоиз баробар шуд, ки ин нишондод тайи чанд соли охир баландтарин ба ҳисоб рафта, он нисбат ба моҳи феврал (1,1%) 0,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. **Дар натиҷа, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар муқоиса ба моҳи феврал (5,9%) ба андозаи 1,4 банди фоизӣ зиёд гардида, ба 7,3% баробар шуд.**

Таварруми моҳона ва солона, бо %
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Дар давраи баррасишаванда сатҳи таваррумi солона аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 9,0 фоиз (2,2% м/м)[1] ва маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 0,2 фоиз (0,2% м/м) ҳосил гардида, тарифаҳои хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ бошад, то 6,1 фоиз (1,4% м/м) боло рафтанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъсири омилҳои ғайримонетарӣ дар сохтори тағйирёбии нисбии таваррум асосӣ буд. Аз ҷумла, таварруми ҳосилшуда аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти ниёзи аввалияи аҳолӣ, пеш аз ҳама сабзавот ва моводи сӯзишворӣ ба амал омад. Омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти зикргардида, омили мавсимӣ ва коҳишёбии қурбӣ ба ҳисоб меравaнд.

Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, солона бо %
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумi аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи март раванди муътадили пастравӣ дошт ва бо арзёбии солона ба 1,8% баробар шуд (-0,6% м/м[1]).** Ба ин раванд муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хурокворӣ бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Ҳамзамон, омилҳои дар боло зикргардида ба афзоиши қисмати ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мусоидат намуданд.** Дар ин давра, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби болоравии назарраси сатҳи нархҳои сабзавот (19,6% м/м ё 58,2% с/с), картошка (35,7% м/м ё 96,8% с/с), пиёз (30,6%м/м ё 52,4% с/с) ва сабзӣ (17,6% м/м ё 71,8% с/с) раванди афзоишёбӣ доштанд. Дар навбати худ, нархҳои орд (-0,2% м/м ё -1,0% с/с), нон ва маҳсулоти нонӣ (-1,1% м/м ё -2,5% с/с), тухм (-8,9% м/м ё 7,8% с/с), шир (-3,8% м/м ё 5,0% с/с) ва биринҷ (-5,3% м/м ё -13,3% с/с) дар моҳи март коҳиш ёфтанд.




Дар сохтори таварруми ғайриаслӣ афзоиши нархи сузишвории нақлиёт (3,1% м/м ё 14,7% с/с) вобаста ба болоравии арзиши доллари амрикоӣ дар бозори нақдии асъор ба амал омада, нархи хизматрасониҳо бошад, нисбат ба моҳи қаблӣ бинобар қиматшавии нархи гази

моеъ (1,6% м/м ё 13,5% с/с), хизматҳои манзилию-коммуналӣ (0,3% м/м ё 12,4% с/с) ва хизматрасонии нақлиётӣ (4,3% м/м ё 0,2%с/с) раванди болоравӣ доштанд.

**Тибқи таҳлилҳо интизорӣ меравад, ки дар семоҳаи дуюми соли равон вобаста ба омилҳои қурбию монетарӣ интизориҳои манфии таваррумии истеъмолкунандагон зиёд гардида, фишоровари нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, бахусус маҳсулоти асосии воридотӣ дар давраи кӯтоҳмуддат ба сатҳи таваррум нисбатан зиёд мегардад.**

**Новобаста аз ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо ва пешгирии фишорҳои таваррумӣ, сиёсати қатъии пулию қарзиро амалӣ намуда, тамоми имкониятҳои мавҷударо бахри нигоҳ доштани меъёри таваррум дар давраи миёнамуҳлат дар доираи нишондиҳандаи пешбинишуда равона хоҳад намуд.**

**Таварруми солона ва саҳми сохтории он, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таварруми аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Март, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | | | | | | | | | | 2017 | | | |
| | Вазн,% | 2015 | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **5,7** | **5,5** | **5,3** | **5,6** | **6,1** | **6,4** | **6,4** | **6,1** | **6,2** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **1,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **3,4** | **2,9** | **2,2** | **3,8** | **5,0** | **5,0** | **4,8** | **5,3** | **5,7** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **2,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | 2,9 | 0,8 | 1,4 | 0,5 | -0,7 | -1,5 | -1,5 | -0,9 | -1,3 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,1 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | 7,4 | 4,1 | 0,4 | -0,9 | -4,7 | -5,2 | -4,6 | -5,4 | -8,0 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -5,3 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -1,1 | -3,4 | -1,5 | -2,6 | -3,0 | -4,2 | -4,3 | -3,0 | -2,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | -0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | -4,9 | -5,2 | -5,0 | -4,9 | -4,5 | -2,5 | -2,4 | -2,1 | -0,8 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | -8,0 | -8,4 | -8,4 | -8,4 | -7,9 | -5,2 | -5,2 | -5,0 | -3,4 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 0,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 0,3 | -0,8 | 3,9 | 5,0 | 4,9 | 4,3 | -0,8 | 18,3 | 20,8 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | -8,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 1,0 | 2,7 | 4,0 | 3,5 | 4,2 | 4,9 | 4,2 | 5,5 | 1,8 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | -0,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -4,8 | -1,8 | 1,7 | -0,7 | 0,8 | 2,0 | -0,1 | 3,4 | -6,3 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | -3,8 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 17,8 | 17,6 | 15,6 | 15,7 | 15,4 | 13,9 | 11,9 | 11,3 | 10,3 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 0,2 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 14,4 | 14,3 | 10,7 | 9,5 | 13,0 | 22,3 | 31,0 | 29,1 | 20,7 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,4 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | -13,5 | -12,0 | -14,0 | -0,5 | 13,1 | 9,0 | 5,5 | 2,7 | 8,9 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 19,6 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 28,8 | 24,6 | 27,0 | 27,9 | 21,9 | 21,9 | 21,8 | 22,7 | 19,9 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 0,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,4 | 20,3 | 23,5 | 24,0 | 22,0 | 20,2 | 20,2 | 20,1 | 19,2 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **16,9** | **11,7** | **11,7** | **11,7** | **13,9** | **13,9** | **20,4** | **19,4** | **16,5** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **18,8** | **19,1** | **23,0** | **19,5** | **17,1** | **16,1** | **15,4** | **16,0** | **14,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **9,5** | **9,7** | **10,3** | **9,4** | **8,1** | **8,2** | **8,1** | **7,5** | **6,6** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 16,1 | 16,5 | 18,6 | 18,5 | 17,2 | 17,3 | 16,9 | 16,6 | 15,4 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | 1,3 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | -0,1 | -1,6 | -1,8 | -0,8 | -1,1 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,1 |
| Моводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 10,4 | 9,2 | 8,7 | 8,7 | 7,8 | 6,5 | 6,5 | 6,0 | 4,3 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 32,6 | 32,6 | 32,0 | 24,8 | 15,3 | 16,0 | 16,0 | 15,6 | 18,1 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 6,9 | 10,8 | 11,6 | 2,3 | 2,4 | 7,9 | 10,5 | 8,6 | 3,3 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 3,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 6,1 | 3,7 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | -1,8 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодаба | 1,3 | 7,6 | 9,6 | 9,4 | 9,7 | 9,7 | 9,1 | 7,6 | 6,0 | 8,4 | 7,9 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **4,6** | **4,8** | **2,8** | **4,4** | **6,3** | **7,0** | **4,4** | **5,4** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **1,4** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 1,6 | 2,7 | 2,5 | 1,2 | 2,5 | 5,2 | 5,8 | 5,4 | 11,1 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 14,3 | 12,3 | 12,3 | 9,7 | 9,7 | 9,7 | 5,9 | 5,7 | 2,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 28,6 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,5 | 0,9 | 0,3 | -8,6 | -5,5 | 4,9 | 9,4 | 6,9 | -2,2 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 1,6 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | 7,6 | 7,6 | 7,5 | 3,5 | 6,9 | 10,2 | 10,0 | 2,3 | 0,2 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | 4,3 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 12,1 | 11,8 | 11,3 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 12,2 | 7,0 | 7,0 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 3,7 | 3,4 | 1,9 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 9,9 | 8,8 | 11,6 | 11,1 | 11,1 | 10,7 | 8,2 | 7,5 | 4,9 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*